БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
_______ Мурватов Б.Н.
аз «05» март 2020 сол, №06/1

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНИЮ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ШАРТНОМА

Душанбе 2020

## 1. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаҳои мазкури суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳуии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудаанд.

1.2. Дар асоси Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта», ки минбаъд Суғуртакунанда номида мешавад, Шартномаҳои суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартномаро аз рӯи ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ, коршоямӣ ва ё молумулки шахси сеюм ӯҳдадории шаҳрвандӣ (минбаъд Шартномаи суғурта ва ё «Шартнома» номида мешавад) ба миён меоянд, бо шаҳрвандон (шахсони воқеъӣ) ва шахсони ҳуқуқӣ (минбаъд Суғурташавандагон номида мешаванд), ба имзо мерасонад. Суғурташавандагон, шахсони ҳуқуқӣ шахсони ҳуқуқии ҳар кадом шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ ва ҳар кадом шакли моликият, эътироф карда мешаванд, Суғурташавандагон, шахсони воқеъӣ бошанд, шаҳрвандоне ба ҳисоб меравандо, ки мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба синни балоғат расидаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

ташкилоти суғуртавӣ – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;

фоидагиранда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

хавфи суғуртавӣ – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

тарифи суғуртавӣ - арзиши воҳиди руйпушкунии суғуртавӣ;

ҷуброни суғуртавӣ – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) - маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда ӯҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

маблағи суғуртавӣ - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии ҷавобгарии ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ҳодисаи суғуртавӣ - воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

шартномаи суғурта - шартномае, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст, ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст, ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи у шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

полиси суғуртавӣ - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

Амалҳои суғурташуда (Фаъолияти суғурташуда) – амалҳои ҷудогонаи (фаъолияти) Суғурташаванда, ки ба рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ӯҳдадории Суғуртакунанда барои пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта оварда мерасонад.

Шахси суғурташуда – шахсе, ки таваккали ӯҳдадории касбии ӯ суғурта шудааст, бояд дар Шартномаи суғурта номбар карда шавад ва бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалинамоии дар Шартномаи суғурта ишорашудаи фаъолияти касбӣ ва / ва ё бастани шартнома барои амалинамоии фаъолияти касбӣ ҳуқуқ дошта бошад. Агар Шахси суғурташуда дар Шартномаи суғурта номбар нашуда бошад, таваккали фаъолияти касбии ӯҳдадории худи Суғурташаванда суғурташуда ҳисобида мешавад.

*Лимити ҷуброн (Лимити ӯҳдадорӣ)* – маблағи ҳадди аксари (ниҳоии) аз рӯи Шартномаи суғурта муайянгардидаи пардохти суғуртавӣ (маҷмӯъи пардохти суғуртавӣ) аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ, ё таваккали суғуртавӣ, ё объекти суғурта, ки наметавонад аз ҳаҷми маблағи суғуртавӣ аз рӯи Шартнома зиёд бошад.

Шахсони сеюм – ҳар кадом шахсе, ки метавонад ба ӯ зарар ҳангоми амалинамоии фаъолияти касбии Суғурташаванда расонида шавад, ба истиснои кормандони Суғурташаванда ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ, вазифавӣ), ки нисбати Суғурташаванда аффилятсия шудаанд, шахсе, ки нисбати онҳо Суғурташаванда аффилятсияшуда мебошад. Шартномаи суғурта метавонад номгӯи шахси дигарро пешбинӣ намуда бошад, ки дар доираи шартнома шахсони сеюм мебошанд.

Ҳолатҳои ғайричашмдошт (ҳолатҳои рафънопазир) – зери мафҳуми ҳолатҳои рафънопазир тарафҳо чунин мефаҳманд: амалҳои ҳарбӣ ва оқибатҳои онҳо, амалҳои террористӣ, ҷунбишҳои шаҳрвандӣ, корпартоиҳо, исён, мусодиранамоиҳо, реквизитсияҳо, ҳабс, нобудкунӣ ва ё нуқсондоркунии молумулк бо фармоиши ҳукуматҳои шаҳрвандӣ ва ё ҳарбӣ, ҷорӣ кардани ҳолатҳои фавқулодда ва ё ҳолатҳои махсус, ошӯб, табаддулотҳои давлатӣ, сӯиқасдҳо, шӯришҳо, инқилобҳо, таъсири яроқи ядроӣ.

Франшиза – маблағи пешбининамудаи Шартномаи суғурта, ки бо ҳаҷми он Суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ озод карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғуртавӣ ин, манфиатҳои молумулкие, ки бо хароҷотҳои пешакӣ муайян нашудаи масъулият барои иҷро нашудан ё ғайриимкон будани иҷрои уҳдадориҳои аз шартнома бароянда аз ҷониби Суғурташаванда вобастаги дорад мебошанд.

3.2. Предмети суғуртавӣ шакли аниқи имконияти ҷавобгарии Суғурташаванда барои вайрон кардани уҳдадориҳо оиди шартнома мебошад.

3.3. Таҳти шакли суғурташудаи ҷавобгарии Суғурташаванда ҳама ё қисми маблағҳои зарарҳои Фоидагиранда ва (ё) ҳама ё қисми мабалағҳои ҷаримаи аҳдшикани фаҳмида мешавад.

3.4. Таҳти зарарҳои Фоидагиранда фаҳмида мешавад, ки:

- хароҷотҳое, ки аз ҷониби Фоидагирандагон амали шудааст ё бояд амали гардад, ки барои ҷуброни зарарҳои амволи, ки бо вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ (зарари дақиқ) расонида шудааст;
- нагирифтани фоидаҳо аз ҷониби Фоидагирандагон, ки онҳо дар ҷараёни шартҳои мубодилави гирифта метонист, агар Суғурташаванда уҳдадориҳоро (фоидаи аз даст дода шуда) вайрон карда бошад.

Таҳти ҷаримаи аҳдшикани намуди оне, ки шартнома пешбини кардааст оид ба ҷавобгарии Суғурташаванда боиси суғурта ва (ё) қонунгузори мебошад, фаҳмида мешавад:

- сабшуда, ки зарар дар қисме ки бо ҷаримаи аҳдшикани пушонида нашудааст;
- истинои, ки фақат руёнидани ҷаримаи аҳдшикани роҳ дода мешавад, аммо на зарарҳо;
- алтернативи, ки оид ба интихоби кредитор ҷаримаи аҳдшикани ё зарар руёнидан мумин аст;
- ҷарима, ки зарар дар маблағии пурраи зиёда аз ҷаримаи аҳдшикани руёнидани мумкин аст.

3.5. Ҳаҷмҳои масъулият барои вайронкунии уҳдадориҳо оид ба шартнома мувофиқи шартҳои шартнома ва ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

3.6. Манфиатҳои ғайриқонунии Суғурташаванда суғурта карда намешавад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъектҳои суғурта ин, Суғуртакунанда, Суғурташаванда ва Фоидагиранда мебошанд, ки дар шартномаи суғурта ҳамчун тараф нишон дода шудаанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Аз рӯи қоидаҳо ба ҳайси ҳодисаи суғуртавӣ расонидани зарар ба молумулки шахси сеюм аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар натиҷаи ҳодисаи пешомада, ки дар шартномаи суғурта дарҷ гардидааст ва дар давраи амали шартномаи суғурта ҳангоми амалинамоии фаъолияти касбии Суғурташуда аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда), аз рӯи шарнома каспи ба вуқуъ омадааст, эътироф карда мешаванд.

5.2. Далели расонидани зарар ба молумулки шахси сеюм бояд бо қарори қувваи қонунӣ гирифта ва ё даъзои молумулкӣ, ки ба таври расмӣ ба Суғурташаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад. Қарори судӣ ва ё даъвои молумулкӣ бояд ба таври расмӣ ба Суғурташаванда дар давраи амали шартномаи суғурта пешниҳод карда шавад, агар шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад. Илова бар он шартномаи суғурта метавонад давраи муайяни вақт бо гузаштани вақти шартномаи суғурта пешбинӣ намуда бошад, ки дар муддати он Суғуртакунанда танзими қарори судӣ ва ё даъвои молумулкиро бо вобастагӣ бо аз ҷониби суғурташаванда расонидани зарар ба шахси сеюм барои баррасӣ қабул менамояд, ба шарте, ки ҳодисае, ки сабаби чунин расонидани зарар гардидааст, дар давраи амали шартномаи суғурта ҷой дошта бошад.

5.3. Инчунин Суғуртакунанда дигар ҳодисаҳои суғуртавиро тибқи шартномаи суғурта ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ этироф мекунад, ки ба

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Хавфи суғуртавӣ гуфта таваккали расидани заранрарҳои Суғурташуда дар алоқамандӣ бо пешниҳоди ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома ба ҳисоб меравад.

6.2. Мутобиқи Қоида хавфи суғуртавӣ ин далели ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома суғуташаванда дар давраи амали Шартномаи Суғурта оиди ҷуброни зарарҳо, дар шакли пулӣ, ки ба шахсони сеюм дар натиҷаи амалҳои нодурусти Суғурташаванда ва ё Суғурташуда расонида шудааст, ва дар давраи амали Шартномаи Суғурта ва ё, мутобиқи Қоида, то ибтидои давраи амали Шартномаи Суғурта ба вуқӯъ пайвастааст, ки бо зарурат ба зарари Суғурташуда оварда мерасонад.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ маблағи пулиест, ки дар ҳудуди он Суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки пардохти суғуртавиро ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ намояд ва он бо созишномаи Суғурташаванда ва Суғуртакунанда муайян карда мешавад.

7.2. Ҳангоми имзои Шартномаи суғурта ҳаҷми ҳадди аксари ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ (лимити ҷуброн аз рӯи як ҳодисаи суғуртавӣ) ва ҳаҷми ҳадди аксари суғуртавии ҷуброн нисбати ҳамаи ҳодисаҳои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

суғуртавие, ки дар муддати амали Шартномаи суғурта (маблағи суғуртавӣ) рух медиҳанд, муайян карда мешавад.

7.3. Аз ҷониби Шартномаи суғурта метавонанд лимитҳои ҷуброн нисбати расидани зарар муқарар карда шавад:

7.3.1. ҳаёт ва саломатии як шахс;

7.3.2. ҳаёт ва саломатии якчанд шахс;

7.3.3. молумулки ҳар кадом як шахс ва ё шумораи шахс;

7.3.4. аз рӯи силсилаи зарарҳо, ки аз як ҳодиса бармеояд.

Шартномаи суғурта метавонад лимитҳои дигари ҷубронро пешбинӣ намояд. Суғуртакунанда инчунин ҳуқуқ дорад зерлимтҳоро, то он ҳадде, ки он бо сиёсати андеррайтерии Суғуртакунанда ва зурурати мувозанаткунии Шартнома ва (ва ё) портфели Шартномаҳо баён гардидааст, муқарар намояд.

7.4. Маблағҳои суғуртавӣ (лимитҳои ҷуброн) нисбати хароҷотҳое, ки бо қонеъ кардани талаботҳои асосноки Шахси сеюм нисбати Суғурташаванда, хароҷотҳои Суғурташаванда барои пешбурди парвандаҳо аз рӯи ҳодисаҳои эҳтимолӣ, инчунин хароҷотҳои дигар алоқаманд, ки дар Қоида ишора гардиданд, бо мувофақаи тарафҳо аз таҷрибаи умумӣ (омор) нисбати ҳаҷмҳои ин хароҷотҳо муқарар карда мешавад.

7.5. Маблағи суғуртавӣ бо пули сомонии тоҷикӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши Тарафҳо дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ метавонад бо ҳаҷми баробарҳаҷми маблағи асъори хориҷӣ ишора карда шавад (минбаъд – суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ).

7.6. Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ ҳаҷми франшиза бо ҳадафҳои падохти ҷуброни суғуртавӣ бо пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки Милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои асъори мутобиқаткунанда муқарар карда мешавад, дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад.

7.7. Илова бар он бо мақсади амалӣ намудани назорат аз болои таваккали асъорӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад маҳдудиятҳоро нисбати бузургии тағийрёбии қурби асъор, ки аз ҷониби Суғуртакунанда истифода бурда мешавад, бо дар Шартномаи суғурта инъикос намудани чунин маҳдудиятҳо мавриди истифода қарор диҳад.

7.8. Истифодаи чунин маҳдудиятҳо чунин маънӣ хоҳад дошт, ки ҳангоми ҳисоб намудани маблағи франшиза шарт оиди пардохт аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар он ҳолате истифода мешавад, ки агар қурби дар Шартномаи суғурта муқарарнамудаи асъор аз қурби ҳадди аксар барои пардохтҳо зиёд набошад. Зери мафҳуми қурби ҳадди аксар барои пардохтҳо ин қурби асъори мутобиқаткунанда, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи гузаронидани Ҳаққи суғуртавӣ ба 1% (як фоиз) барои ҳар моҳ (аз он ҷумла нопурра), ки аз лаҳзаи гузаронидани мукофот гузаштааст, фаҳмида мешавад, агар дар Шартномаи суғурта дигар маҳдудиятҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

7.9. Агар қурби асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарар карда шудааст, аз қурби ҳадди аксар зиёд бошад, ҳаҷми франшиза дар асоси қурби ҳадди аксар муқарар карда мешавад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи суғуртавӣ пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқакардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофот аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидамешуда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (дараҷаи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товон зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар баамаломада, базаи муайянкунии маблағи суғуртавӣ (меъёри товон ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯи Шартномаи мушаххаси суғуртавӣ коэффитсиентҳоро аз руи ҷадвали тасдиқгардида бо мақоми назорати суғуртавӣ истифода барад.

## 9. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ (пардохт барои суғурта, ки Суғурташаванда ӯҳдадор аст ба Суғуртакунанда пардохт намояд) дар асоси маблағҳои суғуртавӣ, меъёрҳои тарифавӣ, мӯҳлати суғурта и франшизаҳо ҳисоб карда мешавад.

9.2. Меъёрҳои тарифавӣ дар асоси меъёрҳои базавии тарифавӣ бо назардошти шартҳои муайяни суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ, ки ҷоиз ба пардохт ба Суғуртакунанда аз рӯи Шартномаи суғурта мебошад, Суғуртакунанда тарифаҳои коркардшуда ва бо мақомоти давлатии назорати тарифаи суғуртавӣ мувофақашуда, ки дар асоси он ҳаққе, ки аз воҳиди маблағи суғуртавӣ гирифта мешавад, бо назардошти маълумоти пешниҳоднамудаи Суғурташаванда оиди хусусиятҳо ва дараҷаи таваккал муқарар карда шавад.

Илова бар он вобаста аз дараҷаи таваккал (категорияи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи даъвоҳои ба вай пешниҳодшуда оиди ҷуброни зарар (таърихи зарарҳо), ҳаҷм, намуд ва сохтори зарарҳои пешина ба миёномада, базаи муайяннамоии маблағи суғуртавӣ (лимитҳои ҷуброн ва омилҳои дигар, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҳангоми амалинамоии сиёсати андеррайтерӣ ва тарифавӣ ба назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад нисбати меъёрҳои тарифавӣ аз рӯи Шартномаи суғуртаи муайян коэфисентҳои ислоҳкунанда (баландкунанда ва / ва ё пасткунанда) истифода барад. Паст кардан ва ё баланд кардани тарифаи суғуртавӣ метавонад ҳам аз рӯи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

тартиби истифодаи коэфисентҳои ислоҳкунанда ва ҳам дар намуди ташаккулёбӣ дар асоси ин нишондодҳои сабукиятҳо нисбати тарифаи базавии суғуртавӣ вобаста аз омилҳои таваккал амалӣ карда шавад.

9.3. Ҳангоми суғурта ба мӯҳлати камтар аз як сол ҳаққи суғуртавӣ бо тартиби чунин фоиз аз ҳаҷми солонаи он пардохт карда мешавад: 1 моҳ – 20%, 2 моҳ – 30%, 3 моҳ – 40%, 4 моҳ – 50%, 5 моҳ – 60%, 6 моҳ – 70%, 7 моҳ – 75%, 8 моҳ – 80%, 9 моҳ – 85%, 10 моҳ – 90%, 11 моҳ – 95%.

9.4. Пардохти ҳаққи суғуртавӣ метавонад бо пули нақдӣ ва ё ҳисоби ғайринақдӣ амалӣ карда шавад.

9.5. Ҳангоми имзои Шартномаи суғурта ба мӯҳлати на камтар аз як сол ба Суғурташаванда метавонад ҳуқуқ барои пардохти ҳаққм суғуртавӣ дар якчанд марҳилаҳо (мӯҳлатнок), бо қисмҳои баробарбузургҳаҷм ва ё нобаробарбузугҳаҷм (бо ҳаққ) дода шавад, илова бар он вай ӯҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро аз рӯи тартиб ва мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта супорад.

9.6. Оқибатҳои пардохти бемаврид ва / ё пардохти нопурраи ҳаққӣ навбатӣ (мӯҳлатнок):

9.6.1. Агар дар мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта ҳақи навбатӣ (мӯҳлатнок) ворид карда нашавад, онгоҳ ба Суғурташаванда давраи имтиёзнок пешниҳод карда мешавад, ки аз 30 (сӣ) рӯз зиёд нест, агар Шартномаи суғуртаи давраи дигарро барои пардохти қарзи ҳаққи суғуртавии мӯҳлаташ гузашта пешбинӣ накарда бошад. Илова бар он Суғуртакунанда ягон зарарҳое (зарар), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, дар муддати давраи имтиёзнок ва то лаҳзаи пардохти қарзи ҳаққи Суғурташавандаро ҷуброн наменамояд.

9.6.2. Агар дар мӯҳлати Шартномаи суғурта барои супоридани ҳаққи навбатии суғуртавӣ (мӯҳлатнок) пешбининамуда назар ба маблаға дар Шартномаи суғурта пешбинишуда камтар гузаронида шуда бошад, онгоҳ ба Суғурташаванда давраи имтиёзнок пешниҳод карда мешавад, ки аз 30 (сӣ) рӯз зиёд нест, агар Шартномаи суғурта барои супоридани ҳақи навбатии суғуртавии мӯҳлаташ гузашта давраи дигарро пешбинӣ накарда бошад. Илова бар он Суғуртакунанда ҳуқуқ надорад, ё ягон намуди зарарҳо (зарар), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва дар давраи имтиёзнок то лаҳзаи аз ҷониби Суғурташаванда супоридани қарзи ҳаққ б миён омадаанд ҷуброн нанамояд, ё зарарҳои дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар давраи имтиёзнок ва то аз ҷониби Суғурташванда пардохт гардидани ҳаққӣ бо соқит кардани қарз напардохта ҷуброн намояд.

9.6.3. Санаи пардохти қарзи ҳаққи навбатӣ аз соати 00:00 дақ. рӯзи баъди санаи ворид шудани ҳаққи суғуртавии навбатӣ (мӯҳлатнок) ба ҳисоб (ё ба хазина) Суғуртакунанда ҳисоб карда мешавад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

9.6.4. Агар дар давраи имтиёзноки пардохти қарзи ҳаққи навбатӣ (мӯҳлатнок) пардохт карда нашавад, Шартномаи суғурта аз лаҳзае, ки бояд ҳаққи навбатӣ (мӯҳлатнок) аз ҷониби Суғурташаванда бидуни пешниҳоди давраи

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

имтиёзнок барои пардохти ҳаққ пардохт мегардид, қатъгардида ҳисоб карда мешавад. Илова бар он Суғуртакунанда ягон намуди зарарҳое (зарар), ки дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, баъди санае, ки ҳақи навбатӣ (мӯҳлатнок) бояд аз ҷониби Суғурташаванда бидуни пеҳшниҳоди давраи имтиёзнок барои пардохти ҳаққ пардохт мегардид, ҷуброн намекунад. Агар ҳаққи навбатӣ (мӯҳлатнок) ба пуррагӣ ворид карда нашуда бошад, қарзи он дар муддати давраи имтиёзнок пӯшонида нашуда бошад, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҳақи ба пуррагӣ пардохтнакардаи ӯро бо соқит кардани хароҷотҳо ва (ё) зарарҳои амалишуда бармегардонад, агар Шартномаи суғуртаи ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

9.7. Бо супориши хаттии Суғурташаванда ҳаққи суғуртавиро метавонад ҳар кадом шахси дигар супорад, илова бар он аз рӯи Шартномаи суғурта вай соҳиби ягон намуд ҳуқуқ намегардад. Оиди супориши мазкур Суғурташаванда ӯҳдадор аст, ки Суғуртакунандаро бо ирсол кардани тасдиқи ҳуҷҷатии чунин пардохт хабардор намояд. Суғурташаванда барои амали чунин шахс ҷавобгар нест.

9.8. Ҳаққи суғуртавӣ бо пули миллии сомонӣ муқарар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавӣ метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми бо асъори хориҷӣ муқараргардида, муқарар карда шавад.

Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ ҳаққи суғуртавӣ бо пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт муқарар гардидааст (ба ҳисобгузаронӣ) пардохт карда мешавад, агар қурби дигар ё санаи дигари муайян намудани он аз ҷониби қонун ва ё созиши тарафҳо муқарар нашуда бошад.

Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни Тарафҳои Шартномаи суғурта бо асъори хориҷӣ иҷозат дода мешавад, ҳаққи суғуртавӣ метавонад инчунин ба Суғурташаванда бо асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта созишномае мебошад, ки аз рӯи он Суғуртакунанда уҳдадор мешавад барои пардохти шартгузоринамудаи Шартнома (ҳаққи суғуртавӣ), дар ҳолати пешниҳоди талаби дар асоси қонун пешниҳоднамудаи Шахси сеюм ба Суғурташаванда оиди ҷуброни зараре, ки аз ҷониби Суғурташаванда, ба худ ӯҳдадориро оиди ҷуброни зарар ишорашуда (зарари), инчунин хароҷотҳои Суғурташаванда, ки дар натиҷаи пешниҳоди талаб ба ӯ, дар доираи маблағи муқарарнамудаи Шартномаи суғуртаи (маблағи суғуртавӣ) ӯҳдадориро бар дӯши худ гирад.

10.2. Барои ба имзо расонидани Шартномаи суғурта Суғурташаванда ба Суғуртакунанда аризаи аз ҷониби вай имзогардида (саволнома) дар бланки шакли муқарарнамудаи Суғуртакунанда пешниҳод мекунад. Дар ариза (саволнома) Суғурташаванда ӯҳдадор аст маълумотҳои дақиқу пурра оиди объекти суғурта ва

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

маълумоти дигари заруraро мутобиқи маълумотҳои бланки ариза пешниҳод намояд.

10.3. Дар баробари маълумотҳои дар бланки ариза пешбинишуда, Суғурташаванда ӯҳдадор аст инчунин ба Суғурtакунанда маълумотро оиди ҳолатҳои барои муайян намудани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ аз рух додани он (таваккали суғуртавӣ) аҳамияти назаррас дошта пешниҳод намояд.

10.4. Агар баъди ба имзо расонидани Шартномаи суғурта муқарар гардад, ки Суғурташаванда маълумотҳои пешакӣ бардурӯғро оиди ҳолатҳои барои муайян намудани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ аз рух додани ин ҳодиса аҳамият доранд, пешниҳод карда бошад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад беэътибор донистани Шартнома ва истифодаи беамалӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар бораи онҳо Суғурташаванда хабар надодааст, аллакай аз байн рафат бошанд.

10.5. Ҳангоми имзои Шартномаи суғурта Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад баҳогузории таваккали суғуртаро гузаронад, махсусан бо хусусиятҳои фаъолияти Суғурташаванда, ки дар алоқамандӣ бо амалинамоии он ӯҳдадории вай пешниҳод карда мешавад, шинос шавад.

10.6. Шартномаи суғурта бояд, ки дар шакли хаттӣ ба имзо расонида шавад (ба расмият дароварда шавад). Риоя накардани шакли хаттӣ ба беэътибории Шартномаи суғурта оварда мерасонад.

Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ ба имзо расонида шуда бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягона (Шартномаи суғурта), ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст ба расмият дароварда мешавад ва/ ва ё бо роҳи аз ҷониби Суғуртакунанда ба Суғурташаванда супорида шудани полиси суғуртавӣ, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ба имзо расонида шуда, ба расмият дароварда мешавад.

10.7. Дар ҳолати гум кардани Шартномаи суғурта дар давраи амали Шартномаи суғурта ба Суғурташаванда дар асоси аризаи хаттии вай нусхаи дуввуми мувофиқаткунанда дода мешавад, ки баъди он ҳуҷҷати гумкарда беътибор дониста мешавад ва пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯи он амалӣ карда намешаванд.

10.8. Дар ҳолати ба миён омадани зарурати ба мазмуни Шартномаи суғурта ворид намудани шартҳои аз шартҳои дар Қоидаи суғурта мавҷуда фарққунанда, ин дар Шартнома ва ё дар Замимаҳои он инъикос карда мешавад.

10.9. Шартномаи суғурта метавонад ба ҳар кадом мӯҳлати аз ҷониби тарафҳо мувофақашуда ба имзо расонида шавад.

10.10. Шартномаи суғурта мутобиқи Қоидаҳо кӯтоҳмуддат ҳисобида мешавад, агар он ба мӯҳлати аз як сол камтар ба имзо расида бошад.

10.11. Агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад, он аз санаи ибтидои суғурта, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудааст, қувваи қонунӣ мегирад. Дар Шартномаи суғурта метавонад роҳҳои дигари қувваи қонунӣ

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

гирифтани Шартнома пешбинӣ шаванд, махсусан, аз соати 00: 00 дақ. аз санаи баъди рӯзи пардохти ҳаққи суғуртавӣ оянда, ки Шартномаи суғурта пешбинӣ намудааст, муқарар гардад.

10.12. Рӯзи пардохти ҳаққи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад:

– ҳангоми пардохт бо роҳи нақдӣ – рӯзи воридкунии воситаҳои пулӣ ба хазинаи Суғуртакунанда ё пардохт ба намояндаи Суғуртакунанда;

– ангоми пардохт бо роҳи ғайринақдӣ – рӯзи гузаштани воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда.

Далели пардохти ҳаққи суғуртавӣ бояд, ки бо ҳуҷҷати мутобиқаткунанда (супоришнома, интиқоли почтавӣ, расид).

10.13. Агар баъди бастани Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавӣ (ё ҳаққи аввалини он) ба Суғуртакунанда дар мӯҳлат ва ҳаҷми муқарарнамудаи Шартнома пардохт карда нашавад, Шартномаи суғурта қувваи қонунӣ нагирифта ҳисобида мешавад, илова бар он, агар ҳақ дар ҳаҷми нопурра пардохт шуда бошад, он ба Суғурташаванда баргардонида мешавад.

10.14. Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:

10.14.1. Ба охир расидани мӯҳлати амали он;

10.14.2. Аз ҷониби Суғуртакунанда ба пуррагӣ иҷро гардидани ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартнома дар назди Суғурташаванда;

10.14.3. Напардохтани ҳаққи суғуртавӣ аз ҷониби Суғурташаванда дар муӯҳлатҳои муқарарнамудаи Шартнома;

10.14.4. Барҳамдиҳии Суғурташаванда, ки шахсӣ ҳуқуқӣ мебошад, ва ё марги Суғурташаванда, ки шахси воқеъӣ мебошад;

10.14.5. Барҳамдиҳии Суғуртакунанда аз рӯи тартиби муқарарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10.14.6. аз ҷониби суд қабул гардидани қарор оиди беэътибор донистани Шартномаи суғурта;

10.14.7. Дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи сандҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10.15. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад аз Шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт даст кашад, агар дар лаҳзаи дасткашӣ имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, аз рӯи ҳолатҳои фарққунандаи ҳодисаи суғуртавӣ аз байн нарафта бошад.

Ҳангоми дасткашии пеш аз мӯҳлати Суғурташаванда аз Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавии пардохтнамудаи Суғуртакунанда баргардонида намешавад, агар Шартнома дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад.

10.16. Суғуртакунанда ҳуқуқ аз Шартномаи суғурта дар ҳар кадом вақт бо хабардор намудани Суғурташаванда оиди он дар шакли хаттӣ бои ифодаи лаҳзаи пешбинишавандаи пеш аз мӯҳлат қатъ кардани Шартномаи суғурта, даст кашад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Дар ҳолати қатъ гардидани Шартномаи суғурта бо талаби Суғуртакунанда, Суғуртакунанда ба Суғурташаванда ҳаққӣ суғуртавиро барои мӯҳлати нагузаштаи Шартнома бо нигоҳдошти хароҷотҳои сарфашуда бармегардонад.

10.17. Агар Шартномаи суғурта пеш аз мӯҳлат бо сабаби он ки имконияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз байн рафта бошад ва таваккал аз рӯи ҳолатҳои дигари аз ҳодисаи суғуртавӣ фарқкунанда қатъ гардида бошад, мутобиқи қонунгузории шаҳрвандӣ Суғуртакунанда ба қисми ҳаққи суғуртавӣ дар ҳаҷми баробари вақте ки суғурта амал мекард ҳуқуқ дорад.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

11.1.1. Бо созиш ба Суғуртакунанда маблағи суғуртавиро аз рӯи Шартномаи суғурта арз намояд;

11.1.2. Аз нав дида баромадани шартҳои Шартномаи суғурта ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои, кам гардонандаи эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ё ҳаҷми зарари эҳтмолӣ дар вақти ҳодисаи суғуртавиро талаб намояд.

11.2. Суғурташаванда ӯҳдадор аст:

11.2.1. Ҳаққи суғуртавиро дар ҳаҷм ва мӯҳлати муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардозад;

11.2.2. Ба Суғуртакунанда ҳангоми имзои Шартномаи суғурта дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ба вай маълум, ки барои баҳо гузоштани дараҷаи таваккали суғуртавӣ аҳамият доранд, оиди Шартномаҳои суғуртаи амалкунандаи ӯҳдадории дигар, инчунин оиди ҳар кадом тағийроти арзишноки дараҷаи таваккали суғуртавӣ хабар диҳад;

11.2.3. Ҷубронро пардохт накунад, ҳар кадом даъвоҳо ва талабҳои ба вай пешниҳодгардандаро қисман ва ё пурра эътироф накунад, инчунин ягон ӯҳдадориҳои бевосита ва ё бавоситаро оиди ба танзим даровардани чунин талабҳо бе розигии хаттии Суғуртакунанда бар дӯши худ нагирад;

11.2.4. Ҳамаи чораҳоро барои роҳ надодани ҳодисаи суғуртавӣ андешад, ҳангоми ба миён омадани он – тамоми чораҳои мақсаднок ва имкондорро барои кам кардани ҳаҷми зарар андешад.

11.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

11.3.1. Ҳангоми имзои Шартномаи суғурта ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои муайян намудани дараҷаи таваккал зарура шинос шавад;

11.3.2. Ба гузаронидани тамийз талаботҳо ва ё даъвоҳои дигари аз ҷониби Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) пешниҳодгардида ва ё даъвоҳои дигар бо мақсади эътироф кардани ҳодиса ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ;

11.3.3. Бо супориши Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) манфиатҳои вайро барои ба танзим даровардани даъвоҳо ва ё талабҳои аз ҷониби

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) дар алоқамандӣ бо ҳодисаи суғуртавӣ намояндагӣ намояд;

11.3.4. Аз номи Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) гуфтушунидҳо гузаронад ва созишнома оиди ҷуброни зараре, ки бо ҳодисаии суғуртавӣ расонида шудааст, бандад;

11.3.5. Маълумоти аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳод гардидаро тафтиш намояд, инчунин аз ҷониби Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) иҷро гардидани талабҳо ва шартҳои Шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;

11.3.6. Ба мақомоти мувофиқаткунандаи салоҳиятдор дархостҳоро аз рӯи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ирсол намояд;

11.3.7. Ворид намудани тағийрот ба шартҳои Шартномаи суғурта ва пардохти ҳаққи иловагии суғуртавиро талаб намояд, агар тағийрот дар дараҷаи таваккали суғуртавӣ баъди ба имзо расонидани Шартнома ба миён омада бошад.

11.4. <u>Суғуртакунанда ӯҳдадор аст :</u>

11.4.1. Суғурташавандаро бо Қоидаҳои суғурта шинос намояд ва як нусхаро ба вай супорад;

11.4.2. Дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) гузаронидани чорабиниҳое, ки ба паст крдани рух додани таваккали суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари эҳтимолӣ, аз рӯи аризаи Суғурташаванда Шартномаи суғуртаро бо назардошти чунин аз нав ба имзо расонад;

11.4.3. Махфияти маълумоте, ки сирри тиҷоратиро ташкил медиҳад, таъмин намояд.

11.5. Шартномаи суғурта метавонад ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дигари тарафҳоро муқарар намояд, ки онҳо ба қонунгузории амалкунанда мухолифат накунанд.

11.6. <u>Баъди он, ки ба Суғурташаванда дар бораи ба шахси сеюм расидани зарар маълум гашт, вай ӯҳдадор аст:</u>

11.6.1. Дар муддати 3 (се) рӯзи корӣ оиди он Суғуртакунандаро бо ҳар кадом воситаи оперативии алоқа ва ё бевосита хабардор намояд. Хабар бояд, ки минбаъд (дар муддати 72 соат) ба таври хаттӣ тасдиқ карда шавад.

Ӯҳдадории ишорашуда аз ҷониби Суғурташаванда ба таври лозима иҷрошуда ҳисобида мешавад, агар хабар бо назардошти маълумотҳои почтавии Суғуртакунанда, инчунин номгӯ ва рақами факси қисми сохтории Суғуртакунанда, ки ба он ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ мутобиқи маълумоти дар Шартнома мавҷуда муроҷиат кардан лозим аст, амалӣ карда шуда бошад.

11.6.2. Чораҳои оқилона ва дастрасро дар ҳолати ба миёномада барои пешгирӣ ва ё паст кардани зарар, наҷоти ҳаёт ва молумулки шахси ҷабрдида андешад. Бо андешидани чунин чораҳо, Суғурташаванда бояд нишондодҳои Суғуртакунандаро риоя намояд, агар онҳо ба Суғурташаванда расонида шуда бошанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.6.3. Ба Суғуртакунанда аризаи хаттӣ аз рӯи шакли муқарарнамудаи Суғуртакунанда оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо истифодаи маводҳои мавҷуда пешниҳод намояд.

11.6.4. Фавран ба Суғуртакунанда хабар диҳад:

– дар бораи дар алоқамандӣ бо расонидани зарар шурӯъ кардани парвандаи судӣ, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор гузаронидани тафтишот, гузоштани ҳабс ба молумулк, гузаронидани амалҳои дигари тартиботӣ;

– дар бораи ҳамаи талаботҳои хусусияти молумулкӣ дошта, ки ба Суғурташаванда дар алоқамандӣ бо расонидани зарар пешниҳод гардидаанд. Ҳангоми гирифтани чунин талабҳо аз шахси ҷабрдида Суғурташаванда ӯҳдадор аст ба ин шахс Шартҳое, ки дар асоси онҳо таваккал суғурта гардидааст, инчунин зарурати ба дархостҳои хаттии Суғуртакунанда оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки барои гузаронидани тафтишоти ҳодисаи суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда, инчунин зарурати иштироки Суғуртакунанда дар вақти азназаргузаронии молумулк ва ё баҳогузории зарари расонидашуда фаҳмонад;

– оиди аз ҷониби шахси ҷабрдида ба суд пешниҳод кардани аризаи даъвогӣ. Дар ин ҳолат, Суғурташаванда бо хоҳиши Суғуртакунанда ӯҳдадор аст ба шахси ишоракардаи Суғуртакунанда ваколатнома барои ҳуқуқи пешниҳод намудани Суғурташаванда дар равандҳои судӣ бо тамоми ваколатҳои тартиботии зарура пешниҳод намояд.

11.6.5. Бе розигии хаттии Суғуртакунанда талаботи дар алоқамандӣ бо расонидани зарар пешниҳодгардидаро эътироф накунад, бар дӯши худ ягон ӯҳдадорӣ оиди ба низом даровардани чунин талабҳо нагирад, инчунин ягон пардохтро ба шахси сеюм дар алоқамандӣ бо рух додани ҳодисаи суғуртавӣ амалӣ нагардонад.

11.6.6. Ба Суғуртакунанда дар ҳимояи судӣ ва ғайрисудӣ дар алоқамандӣ бо баррасии ҳолатҳои расонидани зарар ҳамдастӣ намояд.

11.6.7. Ба Суғуртакунанда тамоми маълумоти мавҷуда ва ҳуҷҷатҳое, ки оиди сабабҳо, хусусият ва ҳаҷми зарари расонидашуда маълумот гирифтан мумкин аст, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ гирифтаро низ пешниҳод намояд.

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад аз Суғурташаванда ҳуҷҷатҳои дигарро низ талаб намояд, агар бо назардошти ҳолатҳои муайяни расонидани зарар, набудани онҳо дар Суғуртакунанда муқарар кардани далели расонидани зарар ва муайян намудани ҳаҷми онро ғайриимкон мегардонад (ва ё хеле мушкил мегардонад). Ӯҳдадории исботи зарурати чунин маълумот, ҳангоми ба миён омадани баҳс бар дӯши Суғуртакунанда вогузор карда мешавад.

11.7. Ҳангоми аз Суғурташаванда гирифтани ариза оиди расидани зарар Суғуртакунанда ӯҳдадор аст:

11.7.1. Тамийзи ҳодисаи суғуртавиро гузаронад, сабаб ва ҳаҷми зарари расидаро муқарар намояд;

11.7.2. Санади суғуртавӣ тартиб диҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.7.3. Дар мӯҳлати муқараршуда пардохти суғуртавиро амалӣ намояд, ҳангоми набудани асос барои ин – ба Суғурташаванда хулосаи асоснок оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ирсол намояд.

11.8. <u>Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:</u>

11.8.1. Аз ном ва бо супориши Суғурташаванда нисбати ҳолатҳои бо ҷуброни зарари ба Фоидагиранда расонидашуда, баромад кунад;

11.8.2. Бо супориши Суғурташаванда пешбурди корҳоро дар мақомоти судӣ аз номи вай ӯҳдадориро бар дӯш гирад, инчунин аз номи вай нисбати талабҳои даъвогӣ ариза намояд (аммо ин амалҳои Суғуртакунанда ҳамчун эътироф намудани ӯҳдадории худ оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ ҳисобида намешавад).

11.9. Агар Суғурташаванда барои амалӣ намудани амалҳои дар Қоида ишорашуда, розигӣ надиҳад ва ё бо роҳи дигар ба амалҳои Суғуртакунанда монеа эҷод намояд, Суғуртакунанда аз ӯҳдадории пардохти ҷуброни суғуртавӣ то он ҳадде, ки чунин амалҳои Суғурташаванда ба зиёд шудани зарар оварда расонидааст, озод карда мешавад.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Пардохти суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ба шарти ба ҳисобгирии франшиза ва маблағҳои ба сифати ҷуброни зарар аз шахси барои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ гунаҳкор гирифташуда, дар тартиб ва шартҳои, пешбининамудаи Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда, амалӣ карда мешавад. Ҳангоми батанзимдарории берун аз судии даъвоҳо оиди расонидани зарар ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ дар асоси бузургии аз ҷониби Суғуртакунанда барои пардохти ҷуброни зарари ба Суғурташаванда эътироф гардида, муқарар карда мешавад.

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Ҷуброни суғуртавӣ дар ҳудуди маблағҳои суғуртавӣ ва ё меъёрҳои ӯҳдадории муқарарнамудаи Шартномаи суғурта пардохт мешавад.

13.2. Агар дар лаҳзаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда дар назди ду ва ё якчанд Суғуртакунандаҳо (суғуртаи дукарата), суғурта шуда бошад, онгоҳ Суғуртакунанда пардохти суғуртавиро дар ҳаҷми маблағҳои нисбати маблағҳои суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи суғурта нисбати маблағҳои суғуртавии умумӣ аз рӯи ҳамаи чунин шартномаҳои басташуда баробарҳаҷм пардохт менамояд.

13.3. Ба маблағи пардохти суғуртавӣ (Зарар), агар ҳолати дигарро Шартномаи суғурта пешбинӣ накарда бошад, ворид карда мешавад:

13.3.1. Хароҷоти Шахси сеюм, ки ҳуқуқи ӯ поймол карда шудааст, барои барқарор кардани ҳуқуқи поймолшуда амалӣ намуда ва ё бояд барои зарари дар алоқамандӣ бо гум кардан ва ё нуқсондоршавии молумулки Шахси сеюм (ҳақиқӣ зарари) амалӣ намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.3.2. Зарари ба ҳаёт ва саломатии Шахсони сеюм расонидашуда.

13.3.3. Хароҷоти зарура ва мақсадноке, ки барои паст кардани зарари бо ҳодисаи суғуртавӣ, расониданидашуда, агар чунин хароҷот зарурат дошт ва ё барои иҷрои супоришоти Суғуртакунанда амалӣ карда шуда буд.

13.3.4. Хароҷоти зарура и мақсадноке, ки аз ҷониби Суғурташаванда бо розигии хаттии Суғуртакунанда бо мақсади пешакӣ равшан кардани ҳолатҳо ва сабабҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, амалӣ карда шудаанд.

13.3.5. Хароҷот барои ҳимояи Суғурташаванда ҳангоми пешбурди парвандаҳои дар мақомоти судӣ ва ҳакамӣ, аз он ҷумла хароҷот барои пардохти хизматрасониҳои экспертон ва адвокатҳо, ки Суғурташаванда дар натиҷаи ба ӯ пешниҳод кардани даъвоҳои молумулкӣ амалӣ намудааст.

Хароҷоти ишоракардашуда танҳо ба шарти суғурта намудани таваккал мутобиқи Қоида ҷуброн карда мешаванд, ҳатто дар ҳолате, ки агар ӯҳдадории Суғурташаванда оиди ҷуброни зарари расонидашуда мутобиқи даъвои арзшудаи молумулкӣ дар натиҷа рух надодааст.

13.4. Пардохти суғуртавӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба таври нақдӣ ба воситаи хазинаи Суғуртакунанда ва ё бо роҳи интиқоли ғайринақдии воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби Шахси сеюм ва ё Суғурташаванда амалӣ карда мешавад, агар он мустақилона бо розигии хаттии Суғуртакунанда зарари расонидашударо ҷуброн намуда бошад.

Ҷуброни хароҷотҳое, ки дар Қоида ишора карда шудаанд, ба Суғурташаванда амалӣ карда мешаванд.

13.5. Рӯзи пардохти ҷуброни суғуртавӣ ҳангоми амалинамоии пардохт ба таври нақдӣ рӯзи гирифтани воситаҳои пулӣ аз ҷониби Шахсони сеюм ва ё Суғурташаванда дар хазинаи Суғуртакунанда, ҳангоми ба амалишавӣ ба таври ғайринақдии пардохти суғуртавӣ – рӯзи аз ҳисоб баровардани воситаҳои пулӣ аз суратҳисоби Суғуртакунанда ҳисоб карда мешавад, агар Шартномаи суғурта ҳолати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

13.6. Агар зарари ба Шахсони сеюм расонидашуда, на танҳо аз ҷониби Суғурташаванда ҷоиз ба ҷуброн бошад, балки аз ҷониби шасхони дигар, ки барои расонидани он ҷавобгаранд, онгоҳ Суғуртакунанда танҳо фарқи байни маблағҳои пуррае, ки ҷоиз ба пардохт мебошанд ва маблағҳое, ки ҷоиз ба ҷубронкунӣ аз дигар шахсе, ки барои расонидани зарар ҷавобгараанд, ҷуброн менамояд.

Суғурташаванда ӯҳдадор аст Суғуртакунандаро оиди мавҷудияти чунин шахс ва оиди маблағҳои ҷуброние, ки ҷоиз ба ҷуброн мебошанд, хабардор намояд.

13.7. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад бо мақсади гузаронидани тафтишти дохилӣ нисбати далелҳо, сабабҳо, ҳолатҳои рух додани ҳодисае, ки нишонаи ҳодисаи суғуртавиро дорад, инчунин муқарар намудани ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ вақти эътирофи ҳодисаро ҳамчун ҳодисаи суғуратавӣ ва мутобиқатан пардохти ҷуброни суғуртавиро тамдид намояд, агар:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.7.1. Бо ибтикори Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) тамйизи иловагии сабабҳо ва ҳолатҳои расонидани зарар гузаронида шуда бошад. Илова бар он мӯҳлати пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба давраи вақте, ки дар муддати он тамийз гузаронида шудааст, зиёд карда мешавад ;

13.7.2. Аз рӯи далели расонидани зарар парвандаи ҷиноӣ оғоз карда шуда бошад ва ё раванди судӣ шурӯъ шуда бошад – то қабули қарори мувофиқаткунанда аз ҷониби суд ё муқарар намудани ҳолатҳое, ки барои қабули қарор оиди пардохти суғуртавӣ, мамониат намекунанд.

13.8. Суғурташаванда, Шахси суғурташуда ва Фоидагиранда, ки ҷубронро аз Суғуртакунанда гирифтаанд, ӯҳдадор ҳастанд ба Суғуртакунанда маблағи ҷуброни гирифтаашонро (ё қисми мутобиқаткунандаи онҳоро) баргардонанд, агар дар мӯҳлати мурури даъвои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳое ошкор гарданд, ки азрӯи қонун ё аз рӯи Қоидаҳои мазкур ба пуррагӣ ё қисман онҳоро аз ҳуқуқ ба ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Ҳодиса ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад ва Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ даст мекашад:

14.1.1. Агар Суғурташаванда ва (ё) Шахси суғурташуда барқасдона Суғуртакунандаро ҳангоми муайян намудани сабабҳо ва ҳолатҳои дигари расонидани зарар ва / ё ҳаҷми зарари расонидашуда гумроҳ карда бошанд ва дар натиҷаи он ҷуброни суғуртавӣ беасос пардохт гардида бошад ва ё бо ҳаҷми зиёдтар назар ба зарари расидаи ҳақиқӣ муайян ва пардохт гардидааст ва ба фоидаи шахсоне пардохт гардидааст, ки Шартномаи суғурта нисбати онҳо амалинашаванда мебошад.

14.1.2. Зарари расонидашуда натиҷаи он аст, ки Суғурташаванда (Шахси суғурташуда) барқасдона чораҳои ақлона ва ба вай дастрасро барои паст кардани зарари расонидашуда наандешида бошад;

14.1.3. Агар ба Фоидагиранда зарар ба пуррагӣ аз ҷониби шахси дигари назар ба Суғурташаванда (Шахси суғурташуда ) пардохт гардида бошад, ки барои расонидани зарар гунаҳкор аст.

14.1.4. Агар Суғурташаванда аз ҳуқуқи худ оиди талаб ба шахсе, ки барои расонидани зарар ҷавобгар аст ваон аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброн карда шудааст ва ё амалинамоии ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда ғайриимкон гардидааст.

14.2. Аз пардохти суғуртавӣ даст кашидани Суғуртакунанда метавонад ба суд даъво оварда шавад.

14.3. Агар ҳолати дигарро Шартномаи суғурта пешбинӣ накарда бошад, ҳангоми суғуртакунӣ бо эквиваленти асъорӣ, пардохти суғуртавӣ бо пули тоҷикии сомонӣ аз рӯи қурби Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мувофиқаткунанда дар санаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ муқарар намудааст, амалӣ карда мешавад.

14.4. Зарарҳое, ки ба миён омадаанд ва ё бо қонеъ кардани Талабҳои, арзшуда (ба вуқӯъомада) дар натиҷаи чунин ҳолатҳо ба вуқӯъ пайвастаанд, ҷуброннашавандаанд:

14.4.1. Аз ҷониби шахси Суғурташуда барқасдона вайрон кардани уҳдадори касбӣ, муқарароти дастурамалҳои хизматӣ ва ё ҳуҷҷати дигареро муқарар мекунанд, инчунин барқасдона аз ҷониби вай вайрон кардани қонунҳо ва ё санадҳои танзимкунанда;

14.4.2. Аз ҷониби шахси Суғурташуда иҷро кардани уҳдадориҳои касбӣ то лаҳзаи бастани Шартномаи Суғурта, ба истинои ҳолатҳое, ки Шартномаи Суғурта мутобиқи Қоида пешбинӣ намудааст;

14.4.3. Аз рӯи ҳар кадом даъвоҳои молумулкӣ / қарорҳои судӣ, ки то лаҳзаи бастани Шартномаи Суғурта арз карда шудаанд;

14.4.4. Аз рӯи ҳар кадом даъвоҳои молумулкӣ / қарорҳои судӣ, ки дар давраи вақте, ки Шартномаи Суғурта муқарар кардааст, ки дар муддати он Суғуртакунандаоиди пардохти таъминоти суғуртавӣ масъулият надорад ва дарбаргирии суғуртавӣ амал намекунад (франшизаи муваққатӣ);

14.4.5. Аз ҷониби шахси Суғурташуда иҷро гардидани вазифаҳои хизматӣ ба сифати Директор (шахси Мансабдор) шахси дигари ҳуқуқӣ, назар ба Ширкат;

14.4.6. Аз рӯи ҳар кадом даъвоҳои молумулкӣ / шикоятҳое, ки аз ҷониби Суғурташаванда ҳангоми ба вай расидани зарар аз ҷониби Суғурташуда пешниҳод мешаванд, ва ёаз ҷониби Суғурташудаи пешниҳодкунанда ҳангоми ба вай за ҷониби Суғурташудаи дигар расидани зарар, агар Шартномаи Суғурта дигар ҳолатҳоро пешбинӣ накарда бошад.

## 15. ФРАНШИЗА

15.1. Дар Шартномаи суғуртавӣ франшиза (шартӣ ва ғайришартӣ) пешбинӣ шуда метавонад.

15.2. Ҳангоми франшизаи шартӣ Суғуртакунанда аз ҷавобгарӣ барои зарар, агар он аз ҳаҷми франшиза зиёд набошад, озод карда мешавад.

15.3. Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ ҷавобгарии Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ками франшиза муайян карда мешавад. Франшиза бо ризоияти тарафҳо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғуртавӣ бо дарсад нисбат ба маблағи суғуртавӣ ё бузургии мутлақи он муайян карда мешавад.

15.4. Ҳамагуна меъёри ҷавобгарӣ аз рӯи Шартнома суғуртавӣ, зиёда аз маблағи франшиза, ки ба маблағи меъёри ҷавобгарии Суғуртакунанда дохил намешавад, муқарар карда мешавад.

15.5. Франшиза ба ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ таъин карда мешавад. Агар якчанд ҳодисаи суғуртавӣ фаро расад, маблағи франшиза аз рӯи ҳар кадоми он нигоҳ дошта мешавад.

15.6. Истифодабарии франшиза метавонад омили таъсиррасон ба поёнравии тарифи суғуртавӣ аз ҳисоби истифода бурдани коэффитсиентҳои

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ислоҳкунӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки истифодабарии франшиза шарти ҳатмии қабули хавф барои суғуртакунӣ мебошад.

## 16. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

16.1. Даъво аз рӯи талаботҳое, ки аз Шартномаи суғурта бармеоянд, метавонад дар муддати мӯҳлати мурури даъво, ки қонунгузории амалкунанда муқарар кардааст, пешниҳод карда шавад.

16.2. Агар баъди ба итмом расидани тафтишоти худи Суғуртакунанда, аз пардохти зараре, ки ба фикри Суғурташаванда зери шартҳое Шартномаи суғурта қарор мегирад, даст кашад, онгоҳ бо талаби Суғурташаванда баҳс дар мақомоти судии салоҳиятдор баррасӣ карда мешавад.

16.3. Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар Шартномаи суғуртаи муайян ва ё гурӯҳи Шартномаҳои суғурта метавонанд шартҳое махсуси баррасии баҳсҳоро пешбинӣ намоянд, ки аз Шартномаҳои суғурта бармеоянд, то он ҳадде, ки он ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуқуқи байналхалқии шахсӣ мухолифат накунад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии
гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома

**НАМУНА**

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо ворид намояд, ки ба Қоидаи суғуртавӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад

**ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ**
**Суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома**
**Силсила:__________ Рақам:__________**
**хиёбони Рудакӣ 127 МС «Рудаки Плаза», ут. 501-502**
E-mail: info@spitameninsurance.tj тел. (44) 610 79 97/ (44) 601 79 97

**Суғурташаванда:**
**Суроға:**
**тел:**

**Суғуртакунанада:** **ҶСДММ «Спитамен Суғурта»**
**Суроға:** **Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 127**
**тел:** **(+992 44) 601 79 97**

**Объекти суғурта:**

______________________________
______________________________

**Андозаи маблағи суғурта:**

______________ **сомонӣ ______ дирам**

**Андозаи хаққи суғурта:**

______________ **сомонӣ ______ дирам**

**Мӯҳлати амали полиси суғуртавӣ:**

**аз «___» _______________ 20___ сол**
**то «___» _______________ 20___ сол**

**Ҳудуди амали суғурта:**

______________________________

**Санаи додашудани полиси суғуртавӣ**

**«____» _______________ 20___ сол**

**СУҒУРТАКУНАНДА:**

**ҶСДММ “СПИТАМЕН СУҒУРТА”**

**СУҒУРТАШАВАНДА:**

ҷ.м. ________________ имзо

________________ **имзо**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замима №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии
ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома

**ШАРТНОМАИ**

суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома

Силсила: ______________ Рақам:______________

Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияташ маҳдуди «Спитамен Суғурта» (минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад) дар шахсияти ______________ *(вазифа пурра ному насаби намояндаи ваколатдори Суғуртакунанда)*, ки дар асоси ________________________ *(оинномa, рақам ва санаи ваколатнома)*, амал мекунад, аз як тараф, ва ______________ (минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад) дар шахсияти, ки дар асоси ______________________ *(оиннома, рақам ва санаи ваколатнома)* амал мекунад, аз тарафи дигар, Тарафҳо номида мешаванд, дар асоси Шартҳои дар «Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии масъулияти гражданию ҳуқуқӣ оид ба шартнома» (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаи суғурта» номида мешавад), Шартномаи мазкурро (минбаъд «Шартнома» ва ё «Шартномаи суғурта» номида мешавад) оиди зайл ба имзо расониданд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1 Мавзӯи Шартномаи мазкур суғуртаи ӯҳдадории Суғурташаванда дар ҳолати ба вай аз ҷониби шахсони сеюм пешниҳод намудани даъво оиди ҷуброни зарари (зиён) ҳангоми корҳои иҷронамудаи вай, хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи вай тибқи шартнома ______________________________________ суғурташуда мебошад.

## 2. ШАРТҲОИ СУҒУРТА

2.1. Аз рӯи Шартномаи суғурта Суғуртакунанда ҳимояи суғуртавиро дар ҳолати ба Суғурташаванда пешниҳод намудани даъво оиди ҷуброни зарарҳое (зиён):

2.1.1. Ба ҳаёт ва саломатии шахсони сеюм тибқи шартнома расонидашуда («зарари ҷисмонӣ»);

2.1.2. Ба молу мулки шахсони сеюм («зарари молумулкӣ») расонидашуда;

2.1.3. Дар алоқамандӣ бо ҷуброни хароҷоти зарура ва мақсаднок, бо розигии хаттии Суғуртакунанда бо мақсадҳои ошкор намудани пешакии ҳолатҳо ва сабабҳои рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, муқарар намудани мавҷудият ва шакли гуноҳи Суғурташаванда дар расонидани зарар, инчунин ҳимояи манфиатҳои Суғурташаванда ҳангоми ба вай талабҳои пешниҳод гардида то интиқоли парванда ба суд (махсусан, хароҷот барои гузаронидани тамийзи мустақил ва ғ.);

2.1.4. Дар алоқамандӣ бо ҷуброни хароҷотҳо барои пешбурди парвандаҳо дар мақомоти судӣ аз рӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, ба шарти, он ки то ба суд расонидани парванда бо розигии Суғуртакунанда амалӣ карда шуда бошад ва ё интиқоли парванда ба суд аз ҷониби Суғурташаванда ногузир бошад;

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

2.1.5. Дар алоқамандӣ бо ворид намудани гарав ё маблағҳои пулии дигар, ки Суғурташаванда ӯҳдадор аст бо қувваи қонун, дар асоси қарори суд ё дигар мақомоти салоҳиятдор бо мақсадҳои иҷро кардани ӯҳдадориҳо ба ворид намудани онҳо ӯҳдадор аст.

2.1.6. Дар алоқамандӣ бо ҷуброни хароҷотҳо оиди кам кардани зарари шахсони сеюм, агар чунин хароҷотҳо зарурат доштанд ё барои иҷрои дастурҳои Суғуртакунанда амалӣ шуда буданд, агар ҳатто ҷораҳои мутобиқаткунанда бенатиҷа бошанд;

2.1.7. Дар алоқамандӣ бо ҷуброни зарари маънавӣ, аммо танҳо агар имконияти ҷуброни онро Шартномаи суғурта пешбинӣ карда бошад ва танҳо дар асоси қарори қувваи қонунӣ гирифтаи мақомоти судии салоҳиятдор амалӣ шуда бошад.

2.2. Ӯҳдадории Суғуртакунанда танҳо ба ҳодисаҳои суғуртавие, ки дар давраи амали Шартнома рух додаанд, паҳн мешавад.

2.3. Ҳадди ҷавобгарии Суғуртакунанда аз рӯи Шартнома маблағи суғуртавӣ мебошад.

2.4. Аз рӯи Шартнома маблағи суғуртавӣ ва маблағҳои ҳудудии пардохти ҷуброни суғуртавӣ (*лимитҳои ҷавобгарии Суғуртакунанда*) аз рӯи ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ бо чунин ҳаҷмҳо муқарар карда мешавад:

- Маблағи суғуртавӣ: ______________________________ сомонӣ
- *Лимити ҷавобгарӣ*: ______________________________ сомонӣ

2.5. Франшиза ______________________________ (шакл, % ё сомонӣ)

2.6. Тарифи суғуртавӣ ______________________________% (аз воҳиди маблағи суғуртавӣ).

2.8. Ҳаққи суғуртавӣ ______________________________сомонӣ.

## 3. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳо дар банди 11 қоидаи суғуртавӣ ишора гардидааст.

## 4. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗАРАР ВА ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

4.1. Тартиби муайян намудани ҳаҷми зарар ва пардохти суғуртавӣ дар Қоидаи суғуртавӣ ишора гардидааст.

## 5. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

5.1. Шартнома ба қувваи қонунӣ медарояд аз «___» _____ 20___с. ба шарте, ки пардохтӣ мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавиро) ба мӯҳлате, ки дар банди 2.8. Шартномаи суғуртавӣ дарҷ гардидааст, ва таъсир мегардад то «___» ______20___ с.

## 6. ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

6.1. Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ ба Суғурташаванда супорида шудаанд.

**СУҒУРТАШАВАНДА**

______________________

**СУҒУРТАКУНАНДА**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT